






# 25 – СОЛАГИИ ТАЪСИСЁБИИ ҚУВВАҲ
# МУСАЛЛАҲИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТО
# МУБОРАК!







## МАВЗӮЪ: ҲИФЗИ ВАТАН ВАЗИФАИ ҲАР ЯК ШАҲРВАНД.(бахшида ба 25 солагии артиши миллӣ)

**Шаклу усули таълим**:

**УФТ, Гурӯҳбандӣ, Муқоисавӣ, Мубоҳисавӣ,Инфиродӣ, Омехта,инфиродӣ**

# Таҷҳизот

**Буклетҳо,саволномаҳо, Расмҳои гуногун вобаста ба мавзӯъТахтаи электронӣ**

**Диқати асосӣ:**

**дода шуд ба 25солагии артиши миллӣ.**

**Равиши дарс:**

**Қисми ташкилии дарс:**

**а) Ба ҷо овардани одоби муоширaт;**

**б) Аз назар гузаронидани давомоти хонандагон;**

**в) Назорати ашёҳои хониши хонандагон;**

**г) Омода намудани хонандагон ба дарс;**

ТО БИХОБАД МИЛЛАТЕ ОСУДА ДАР БОЛИНИ НОЗ
.АСКАРЕ БОЯД, КИ САНГИ ХОРАРО БИСТАР КУНАД






Гаҳ бо камону тир ,

гаҳ бо суруду шер

Бо килку бо варақ, ман ҳомии туям

Дар зулмати шабам, ё дар талуси рӯз

Дар партави шафақ, ман ҳомии туям

Баҳри дифои тӯ, аз дасти Рустамӣ.

Бигрифтаам сабақ, ман ҳомии туям.









# Хонандагон:

***Хизмати Модар- Ватанро аз дилу ҷон мекунем,***

***Ҳар нафас шаъну шукуҳашро фаровон мекунем***

***Баски моро ӯ ба меҳри модари парвардааст,***

***Дар вафодорӣ бароят аҳду паймон мекунем.***

***Осмон соф асту хуршеди саодат шӯълапош***

***Ифтихор аз ин замону Оли Сомон мекунем***

**Ҳар киро меҳри Ватан набошад, кофар аст,**
**Маънии ҳуббулватан фармудаи пайғамбар аст.**

Дуруду паёми моро бипазиред омӯзгорон ва ҳозирини муҳтарам. Соати тарбиявиамонро ба зеботарин, азизтарин ,муқаддастарин ва гиромитарин мавзӯъ барои ҳамаи мо “ВАТАН”оғоз мекунем.Мо агар ҳама умр дар хизмати Модар- Ватан бошем ва ҳама васфи ӯ бигуем ин кам аст, зеро дуст доштани Ватан ин дуст доштани Модар аст. Ҳимояи Ватан яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи мову шумо ба ҳисоб меравад.Мақсади гузаронидани соати тарбиявии мо боз як бори дигар  бузургии ватанро нишон додан аст.Донед, ки Ватан муқаддас аст, чун Модар. Идатон муборак сарбозониояндаи Ватан.

# Ватан чист?

- Модари мост
- Ояндаи мост
- Хастии мост
- Озодии мост
- Умеду орзухои мост
- Сарсабзии мост




Чун ҳамасола 23 феврал ҳамчун рӯзи Қувваҳои мусаллаҳи ҷумҳурии тоҷикистон дар кишвар ҷашн гирифта мешавад, ки имсол 25 солаги Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷлил мегардад. Сарфармондеҳи олии қушунҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон президенти мамлакат асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, пешвои миллат муҳтарам Эмомалии Раҳмон мебошад.





**соли 2005 Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист, ки ҳимояи сарҳад**
**худро комилан ба уҳда гирад. Яъне қушунҳои сарҳадӣ қисми**
**муҳиму таркибии Артиши миллӣ шуданд.**
**Бо мақсади таъмин намудани артиш бо афсарони кордону**
**донишманд ва таҷрибанок, колеҷи олии ҳарбӣ, таъсис ёфта б**
**зудӣ ба Донишкадаи ҳарбии вазорати мудофиа, омӯзишгоҳи о**
**сарҳадӣ, мактаби олии кумитаи амнияти миллии Ҷумҳурии**
**Тоҷикистон ва Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурі**
**Тоҷикистон табдил дода шуд. Афсарони тоҷик барои омӯзиш**
**такмили ихтисос дар мактабҳои олии ҳарбии Русияву Чин,**
**Украинаву Ҳиндустон низ таҳсил мекунанд.**

**Мустаҳкамкунӣ: бо қироати шеърҳо, гуфторҳои видиоӣ ва**

**Синквейн (бозии панҷгӯша) гузаронида шуд.**



| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |

1)исм.
2)2сифат
3) 3 феъл
4)Ҷумла аз калимаҳо
5) синоним.

**Шумо дарк намудед,ки ояндаи давлату миллат дар дасти шумост ва давлату ҷомеа аз шумо ҷавонон умеди зиёд дорад . Дар охир дарси тарбиявии худро, ки бахшида ба** 25 солаги Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон буд хулоса намуда гуфтаниам:

***Ҳамехоҳам, ки дунёи Ватан бошам***
***Гулафшон дар ҳама ҷойи Ватан бошам.***
***Кунам ҳар лаҳзае обод имрӯзаш***
***Умеди рӯзи фардои Ватан бошам.***

**Биёед эй азизон ҷамъ бошем,**
**Барои якдигар чун шамъ бошем.**
**Ватан обод гардад чун ба раҳаш**
**Вафодору ба ору нанг бошем**

**Супориши вазифаи хонагӣ:**

**Навиштани иншои хурд дар мавзӯи "Мақсади ман дар зиндагӣ".**